«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
Насриддинзода Э.С.
___________________
«28» ___04___ соли 2026

**ХУЛОСАИ**
**ДОНИШГОҲИ МИЛИИ ТОҶИКИСТОН**

Диссертатсияи Сафарзода Эҳсон дар мавзуи «Масъалаҳои сиёсӣ дар публитсистикаи Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ дар кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Сафарзода Эҳсон** соли 2012 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси журналистикаи байналхалқӣ хатм намудааст. Соли 2019 дар мавзуи «Масъалаҳои ҳувияти миллӣ дар публитсистикаи Садриддин Айнӣ» зери роҳбарии доктори илмҳои таърих, профессор Усмонов И.К. рисолаи номзадӣ ҳимоя кардааст. Сафарзода Эҳсон фаъолияти кориро аз телевизиони "Сафина" шуруъ карда, ҳамчунин, дар дигар ВАО ва сохторҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазифаҳои гуногун фаъолият намудааст. Дар баробари ин, ба ҳайси муаллими ҳамкор дар факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба таълиму тадрис машғул мебошад.

Мушовири илмии Сафарзода Эҳсон доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ** мебошад.

Мавзуи диссертатсияи доктории Сафазода Эҳсон бо карори шурои олимони факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 01.06.2021, карори №10 тасдиқ шудааст

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсия Сафарзода Эҳсон ба пажуҳиши публитсистикаи сиёсии яке аз саромадони адабиёт ва публитсистикаи тоҷик Садриддин Айнӣ бахшида шудааст. Лозим ба таъкид аст, ки публитсистика ҳамчун соҳаи эҷоди иҷтимоӣ ҳанӯз аз асрҳои XVIII-XIX ба шакли васеъ рушд ёфта буд, вале дар асри XX ва ибтидои асри XXI маҳз публитсистикаи сиёсӣ ба яке аз муҳимтарин воситаҳои ташаккули афкори ҷамъиятӣ, ташвиқу таблиғ, танқиди иҷтимоӣ ва ба воситаи таъсиррасонӣ ба шуур ва рафтори сиёсӣ табдил ёфтааст.

Публитсистика, бахусус, публитсистикаи сиёсӣ василаи муассири тарбияи маърифати шаҳрвандӣ, ташаккули ҷаҳонбинии сиёсӣ ва идоракунии равандҳои иҷтимоӣ мебошад. Маҳз дар чунин шароит омӯзиши публитсистикаи сиёсӣ ва таҳлили нақши он дар низоми муосири иртиботи ҷамъиятӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ пайдо мекунад. Аз ҷониби дигар, рушди технологияҳои иртиботӣ ва фароҳам омадани дастрасии васеъ ба шабакаҳои иҷтимоӣ муҳити нави публитсистиро ба вуҷуд овардааст. Имрӯз мубоҳисаҳои сиёсӣ дар баробари расонаҳои анъанавӣ дар фазои рақамӣ бештар сурат мегиранд. Ин тағйирот талаб менамояд, ки илм нақши публитсистикаи сиёсиро дар вазъияти нави иттилоотӣ бознигарӣ намояд. Маҳз дар ин замина, омӯзиши василаҳои таъсиррасонии публитсистикаи сиёсӣ ба афкори ҷамъиятӣ, ташаккули парадигмаҳои нави иттилоотӣ, тарзи ба роҳ мондани муколамаи сиёсӣ ва таҳлили хусусиятҳои забони публитсистии сиёсӣ аҳаммияти назариявии ин тадқиқотро муайян месозад.

Дар баробари ин, публитсистикаи сиёсӣ дар ҷомеаҳои муосир нақши муҳимми танзимкунандаи иҷтимоиро иҷро мекунад. Маводди публитсистӣ дар қолаби жанрҳое, чун мақола, сафарнома, тафсир, мусоҳиба, очерк,

фелйетон, памфлет ва ғайра ифодагари вазъи иҷтимоию сиёсии замон мебошанд. Омӯзиш ва таҳқиқи ин мавод имкон фароҳам меорад, ки қонунмандиҳои ташаккули услуби публитсистии сиёсӣ муайян гардида, хусусиятҳои жанрӣ ва услубии онҳо ба таври илмӣ таҳлил шаванд.

Омӯзишу баррасии публитсистикаи сиёсӣ дар осори устод Айнӣ яке аз мавзуъҳои муҳимми илми адабиётшиносӣ ва журналистикаи тоҷик маҳсуб ёфта, дар ин бобат ҳарчанд аз ҷониби муҳаққиқон аз оғози нимаи дуюми асри бистум асару мақолаҳои зиёди илмӣ таълиф шуда бошад ҳам, ба таҳқиқи ҷанбаи сиёсии осори устод Айнӣ кам таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Аз ин рӯ, ҳадаф аз таълифи рисола таҳқиқу баррасии масъалаҳои сиёсӣ дар осори публитсистии устод Айнӣ мебошад. Публитсистикаи сиёсӣ бо илмҳои дигари ҷамъиятшиносӣ, чун таърих ва сиёсатшиносӣ алоқамандии наздик дорад. Аз ин рӯ, онҳое, ки ба ин мавзуъ таваҷҷуҳ мекунанд, аз назария ва амалияи илмҳои мазкур истифода менамоянд, зеро публитсистикаи сиёсӣ дар доираи илмҳои сиёсатшиносӣ, ҷамъиятшиносӣ ва таърих низ омӯхта мешавад.

Диссертант дар натиҷаи таҳқиқ ба натиҷае расидааст, ки таълифи асарҳои публитсистӣ ба эҷоди асарҳои калонҳаҷми насрии устод Айнӣ сабабгор шуда, обрӯю эътибори ӯро ҳамчун сардафтари адабиёти навини тоҷик такмил бахшиданд. Ин ва мисли ин ҷиҳатҳо **зарурат ва аҳаммияти таҳқиқи ин мавзуъро** асоснок мегардонад.

Бинобар ин, мавзуи «Масъалаҳои сиёсӣ дар осори публитсистии Садриддин Айнӣ» дар заминаи асарҳои бадеӣ, публитсистӣ, таърихӣ ва илмии устод Айнӣ сурат гирифта, пажуҳиши мавзуи мазкур ба инъикоси масъалаҳои сиёсӣ, ҳувияти миллӣ, худшиносию худогоҳӣ ва хештаншиносӣ ихтисос дода шудааст.

**Мавзуи диссертатсия** ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.22. Рӯзноманигорӣ нишон дода шудаанд, комилан мувофиқат мекунад. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳои он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

**Мавзуи диссертатсия** ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, **мутобиқат дорад**. Илова бар ин, ба маводди диссертатсия зимни пажуҳиши мавзуъ бо барнома ва мавзуъҳои алоқаманд бо таҳқиқоти илмӣ пайванди бунёдӣ дошта, натиҷаҳо ва хулосаҳои бадастомада дар тахия ва такмили васоит ва барномаҳои таълимӣ нақши муҳим бозида метавонанд.

Муаллифи диссертатсия пажуҳиши публитсистикаи сиёсии Садриддин Айниро бо дарназардошти заминаҳои пайдоиш ва ташаккури публитсистикаи сиёсӣ дар публитсистикаи тоҷик **мақсади** таҳқиқ арзёбӣ намудааст.

Бо назардошти моҳият ва ҷанбаҳои назарияию амалии масъалаи мавриди таҳқиқ, барои расидан ба ин мақсад довталаби дараҷаи илмӣ дар назди худ чунин **вазифаҳо** гузоштааст:

- мушаххас намудани заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоии пайдоиш (ташаккул) ва даврахои рушди публитсистикаи сиёсии тоҷик;

- муайян намудани махсусиятҳои публитсистикаи сиёсии тоҷик дар ибтидои асри XX;

- баррасии нақши матбуот дар ташаккули публитсистикаи сиёсии тоҷик;

- мушаххас намудани нақши устод Айнӣ дар ташаккули публитсистикаи сиёсӣ;

- баррасии мавқеи сиёсии устод Айнӣ дар осори бадеии оҳанги публитсистидошта;

- муайян намудани муносибати устод Айнӣ ба воқеияти замон тавассути осори публитсистию таърихӣ ва бадеӣ;

- арзёбии нақши публитсистикаи сиёсии устод Айнӣ дар ташаккули афкори миллӣ, худшиносию худогоҳӣ ва бузургдошти арзишҳои миллӣ;

- таҳлили афкори сиёсӣ ва иҷтимоии устод Айнӣ дар марҳалаҳои гуногуни эҷодӣ;

- таҳлил намудани дидгоҳи устод Айнӣ оид ба масъалаҳои миллӣ ва маънавии тоҷикон;

- таҳқиқ намудани руҳияи публитсистии осори таърихию бадеии устод Айнӣ;

- таҳлилу баррасии нақши устод Айнӣ дар ташаккули матбуоти миллӣ;

- мушаххас намудани хусусиятҳои сохторию жанрӣ ва услубии публитсистикаи сиёсии устод Айнӣ.

Ба сифати мавод ё **сарчашмаҳои таҳқиқ** асарҳои бадеӣ, публитсистӣ, таърихӣ, илмӣ ва мақолаҳои публитсистии устод Айнӣ дар рӯзномаву маҷаллаҳо истифода гардидаанд.

Муаллифи диссертатсия дар ҷараёни баррасии масъалаҳои ба мавзуи таҳқиқ рабтдошта осори гуногуни таҳқиқии донишмандони соҳа, аз ҷумла, корҳои бунёдии соҳаҳои публитсистикаи журналистикаро истифода намудааст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии** диссертатсияро асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, таҳқиқоти олимони русу тоҷик В. Бартолд, С. Брагинский, Х. Мирзозода, С. Табаров, М. Шукуров, А. Маниёзов, М. Имомзода, А. Рахмонзода, Х. Асозода, А. Кучарзода, А. Махмадаминов, И. Усмонов, А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, М. Абдуллозода, М. Муродӣ, А. Азимов, Ш. Муллоев, П. Гулмуродзода, Б. Ҳошимзода ва дигарон ташкил додааст.

Диссертатсия дар асоси методҳои омӯзишӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлилӣ-мавзуӣ, таҳлили анъанавӣ ва контентӣ ва таҷрибаи таҳқиқотии олимони ватаниву хориҷӣ таълиф гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он аст, ки дар диссертатсия бори аввал андеша ва масъалаҳои сиёсӣ дар осори устод Айнӣ, мавқеъ, шинохт ва ҳифзи манфиатҳои миллат дар публитсистикаи устод Айнӣ мавриди

таҳқиқи диссертатсионӣ қарор мегирад. Ҳамчунин, дар пажуҳиш ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии публитсистика, нақш ва мавқеи жанрҳои публитсистика дар инъикоси мавзуъ низ таваҷҷуҳ шудааст.

Диссертатсияи Сафарзода Эҳсон аз чанд ҷиҳат аҳаммияти вежа дошта, **арзиши назариявӣ ва амалиаш** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд барои такмили фаъолияти расонаҳо, баланд бардоштани сатҳи таҳлилгарии журналистикаи сиёсӣ, таҳияи барномаҳои таълимии соҳаи журналистика ва мукаммал намудани василаҳои сиёсати иттилоотии давлатӣ истифода шаванд. Ҷанбаҳои таъсиррасонии публитсистикаи сиёсӣ барои мутахассисони соҳаи иртиботи оммавӣ, таҳлилгарони сиёсӣ, кормандони давлатӣ ва муассисаҳои тадқиқоти стратегӣ манбаи муҳим ҷиҳати дарёфти маълумот мебошад. Дар асоси диссертатсия монография ва дастурҳои таълимӣ метавонанд ба табъ расанд. Ҳамчунин, диссертатсия барои дарсҳои таърихи журналистикаи тоҷик, курси махсусҳои публитсистика ва адабиёт, публитсистикаи сиёсӣ, назарияи публитсистика ва монанди инҳо метавонад мавод диҳад.

Маводди диссертатсия ва хулосаҳои он, ки мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор гирифтаанд, бо барнома ва мавзуъҳои алоқаманд бо таҳқиқоти илмӣ пайванди бунёдӣ дошта, натиҷаҳо ва хулосаҳои ба дастомада дар таҳия ва такмили васоит ва барномаҳои таълимӣ нақши муҳим бозида метавонанд.

Натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои пешниҳодшуда маълумот дар бораи донишҳои назариявиро дар фаҳмиши таҳқиқи публитсистикаи сиёсӣ афзуда, метавонад самтҳои нави пажуҳишро дар шинохти публитсистикаи муосир ба вуҷуд оварад.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Сафарзода Эҳсон дар **2 монография ва 15 мақола,** ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои

дарёфти дарачаи илмии доктори илм мувофиқ мебошанд. Маводи банашррасида ба мавзуи таҳқиқ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва автореферати онро инъикос менамоянд. Рӯйхати таълифоти нашрнамудаи диссертант чунин аст:

**I. Монографияҳо:**

[1]. Сафарзода, Э. Назаре ба публитсистикаи сиёсии устод Айнӣ [Матн] / Э. Сафарзода. – Душанбе, 2023. – 102 с.

[2]. Сафарзода, Ҳ. Устод Айнӣ, таърих, сиёсат [Матн] / Э. Сафарзода. – Душанбе: Меҳроч-граф, 2025. – 160 с.

**II. Таълифоти муаллиф дар мачаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон:**

[1]. Сафарзода, Э. Фаҳмиши ҳувият ва ҳувияти миллӣ дар илми муосир [Матн] Э/ Сафарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №7. – С. 265-277.

[2]. Сафарзода, Э. Заминаҳои публитсистикаи сиёсии устод Айнӣ (дар заминаи маводи мачаллаи «Шуълаи инқилоб» ва повести «Ҷаллодони Бухоро» [Матн] Э. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмхои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №8. – С. 226-233. – №8. – С. 226-233.

[3]. Сафарзода, Э. Заминаҳои пайдоиши публитсистикаи сиёсӣ дар адабиёти тоҷик (дар мисоли «Сафарнома»-и Носири Хусрав) [Матн] Э. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Душанбе, 2023. – №4-2 (33). – С. 32-51.

[4]. Сафарзода, Э. Нигоҳе ба андешаҳои сиёсии С. Айнӣ [Матн] Э. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №2. – С. 153-159.

[5]. Сафарзода, Э. Адабиёт, публитсистика ва сиёсат: тафовут, ҳамоҳангӣ, таносуби бадеият ва воқеият [Матн] Э. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи Донишгоҳи Хоруғ. – Хоруғ, 2024. – №2. – С. 143-151.

[6]. Сафарзода, Э. Баррасии масоили сиёсии замон дар «Сиёсатнома» [Матн] Э. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи давлати Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Душанбе, 2024. – №3. – С. 169-177.

[7]. Сафарзода, Э. Ташаккули публитсистикаи сиёсӣ дар осори Убайд Зоконӣ [Матн] Э. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №10. – С. 363-370.

[8]. Сафарзода, Э. Махсусиятҳои сохторӣ ва жанрии публитсистикаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ дар асари бадеӣ [Матн] Э. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи давлати Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Кӯлоб, 2025. – №3-1. – С. 248-256.

[9]. Сафарзода, Э. Инъикоси масъалаҳои сиёсӣ дар осори Аҳмади Дониш [Матн] Э. Сафарзода // Паёми Китобхонаи миллӣ. – Душанбе, 2025. – №1. – С. 115-126.

[10]. Сафарзода, Э. Баррасии масъалаҳои сиёсии замон дар осори адибону публитсистон [Матн] Э. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи давлати Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Кӯлоб, 2025. – №2. – С 189-198.

[11]. Сафарзода, Э. Баррасии махсусиятҳои адабиёт ва публитсистика (дар заминаи омӯзишу таҳлили услубҳои бадеию публитсистӣ ва қолабҳои жанрии онҳо) [Матн] Э. Сафарзода // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2025. – №3 – С. 318-324.

[12]. Сафарзода, Э. Ташаккули публитсистикаи сиёсӣ дар осори маорифпарварони тоҷик (дар мисоли осори Мирзо Сироҷ, Мирзо Ҷалол Юсуфзода, Абдурауф Фитрат) [Матн] Э. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих. – Душанбе, 2025. – №4. – С. 355-364.

[13]. Сафарзода, Э. Публитсистикаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ – ифодакунандаи мавқеи муаллиф дар повести «Одина» [Матн] Э. Сафарзода

// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2025. – №6. – С. 281-287.

[14]. Сафарзода, Э. Вижагиҳои муаллифи асари публитсистӣ (омӯзиш, таҳлил, муқоиса ва натиҷагирӣ) [Матн] Э. Сафарзода // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд, 2026. – №1 – С. 288-294.

[15]. Сафарзода, Э. «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро»: омӯзиш, таҳлил, таҳқиқ ва натиҷагирӣ [Матн] Э. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи давлати Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Душанбе, 2026. – №1. – С. 158- 166.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқоти диссертатсиониро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Гузоришу маърӯзаҳои илмии муҳаққиқ дар маҳфилу конференсияҳо, мизҳои мудаввар, ҳамчунин, диссертатсияи манзуршуда ва мақолаҳои нашршуда саҳми шахсии муаллифро собит месозанд. Таҳқиқоти анҷомгирифта маҳсули заҳмати чандсолаи муаллиф буда, ниҳоят дар шакли диссертатсияи комил ба поён расидааст.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Сафарзода Эҳсон дар мавзуи «Масъалаҳои сиёсӣ дар публитсистикаи Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. – Рӯзноманигорӣ кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Сафарзода Эҳсон дар мавзуи «Масъалаҳои сиёсӣ дар публитсистикаи Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. – Рӯзноманигорӣ бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок дошт: 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 14 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори №10 аз 22.04.2026.

Раиси ҷаласа:
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи матбуоти
факултети журналистикаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Муродӣ М.Б.

Мудири кафедра:
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Усмонова Н. К.

Котиби илмӣ:
номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи матбуоти
факултети журналистикаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шукруллоев Б.К.

Имзоҳои Муроди М.Б., Усмонова Н.К. ва
Шукруллоев Б.К.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj